## ТАҚРИЗИ

**мукарризи расмӣ ба диссертатсияи Тошхочаева Сурайё Акрамҷоновна дар мавзӯи « Методҳои такмили мазмуни таълими фанни технология дар асоси корбасти гулдӯзии ороишӣ-миллии тоҷикӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогика аз рӯйи ихтисоси 13.00.02- Назария ва методикаи омӯзишу парвариш (технология (таълими меҳнат)) (илмҳои педагогӣ).**

Дар замони муосир, ки бо таҳаввулоти сохти давлатдорӣ равандҳои демократӣ дар ҷомеа қабул гашта, ҳокимияти мустаҳкам ва мустақилияти Ҷумҳурии Тоҷикистон тақвият меёбад, барои ҷомеа дарки арзишҳои маънавӣ ва худшиносии миллӣ, аслу моҳияти миллии халқ, шарту шароитҳои нигоҳ доштани мероси фарҳангиву таърихӣ ва эҳёи маънавиёту моддиёти аздастрафта хеле муҳим маҳсуб меёбад. Дар асоси ин, системаи маорифи ҷумҳурӣ бояд ба истифодаи мероси таърихиву фарҳангии аҷдодон дар раванди таълим, ошкор намудани анъанаҳои маънавӣ ва бадеии халқ, омӯзиши санъати воқеӣ ва ҷустуҷӯи робитаи мероси байни наслҳо равона карда шавад.

Дар илми педагогика то имрӯз доир ба тарбияи зебоипарастии муҳассилин аз ҷониби муҳаққиқон асару мақолаҳои зиёде ба табъ расида бошанд ҳам, вале наметавон масъалаи мазкурро ба таври пурра ҳалшуда ҳисоб кард, зеро аксари чунин осори тадқиқӣ дар асоси дигар равандҳои педагогӣ ва баъзе аз намудҳои ҳунарҳои мардумӣ анҷом ёфта, бо мақсади баланд бардоштани фарҳанги зебоипарастии толибилмон дар заминаи гулдӯзии ороишии миллии тоҷикӣ мавриди омӯзиши ҷиддӣ қарор дода нашудааст.

Аз ин ҷиҳат, мавзӯи диссертатсияи Тошхӯчаева С. мубрам буда, он методҳои такмили мазмуни таълими фанни технологияро пешниҳод мекунад. Барои муайян кардани усул ва технологияи муносибатҳои зебоипарастӣ ва меҳнатӣ дар мактабҳои миёна ошно гаштан бо таҷрибаи

таърихии анъанаҳои меҳнатии мардумӣ дар мисоли гулдӯзии ороишии миллии тоҷикӣ (сӯзанидӯзӣ) мусоидат менамояд.

Диссертатсия, чунон ки аз мутолиаи он бармеояд, аз муқаддима, ду боб, хулоса ва феҳрасти осори тадқиқӣ иборат аст. Муаллиф дар муқаддима доир ба мубрамии мавзӯъ, дараҷаи омӯхта шудани он, объекти тадқиқ, мақсаду вазифаҳои дар пеш гузошташуда, навоварии тадқиқот, аҳамияти назариву амалии он, методология ва методи пажӯҳиш андешаронӣ карда, қайд менамояд, ки агарчи то имрӯз аз хусуси баланд бардоштани ҳисси худшиносии миллӣ, аз худ кардани мероси бойи гузаштагон аз тарафи баъзе муҳаққиқон баррасиҳои илмӣ сурат гирифта, вале ба масъалаи муҳим - омӯхтани хусусиятҳои гулдӯзии ороишии миллии тоҷикӣ, таърих ва зарфияту имконоти таълимиву тарбиявии он таваҷҷуҳ зоҳир нагаштааст.

**Боби якум** «*Заминаи таърихи пайдоиши гулдӯзии ороишӣ- миллии тоҷикӣ ва таъсири он ба ташаккули ҳусниёти (маърифати зебоипарастии) хонандагон»* унвон дошта, аз се фасл иборат аст.

Дар фасли якум заминаҳои иҷтимоӣ-фарҳангии рушди гулдӯзии ороишии миллии тоҷикӣ баррасӣ ва таҳлили мухтасари ташаккули он пешниҳод гаштааст.

Дар замони муосир, ки бо таҳаввулоти сохти давлатдорӣ равандҳои демократӣ дар ҷомеа қабул гашта, ҳокимияти мустаҳкам ва мустақилияти Ҷумҳурии Тоҷикистон тақвият меёбад, барои ҷомеа дарки арзишҳои инсонӣ ва худшиносии миллӣ, аслу моҳияти миллии халқ, шарту шароитҳои нигоҳ доштани мероси фарҳангиву таърихӣ ва эҳёи маънавиёту моддиёти аздастрафта хеле муҳим маҳсуб меёбад.

Дар фасли дуюми рисола доир ба «Ташаккули анъанаҳои фарҳангӣ-зебопарастии хонандагон дар мисоли гулдӯзии ороишии миллии тоҷикӣ» назари хешро баён карда, ба хулосае омадааст, ки нигаҳдорӣ ва инкишофи санъати халқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон на танҳо чун масъалаи муҳими халқиву хоҷагӣ шинохта шудааст, балки падидаест, ки

ба ташаккули маданияти миллӣ ва бадеӣ муносибати бевосита дорад. Ҳунармандони маҳалҳои гуногун дар кашидадӯзӣ орзуву эҳсоси амиқ, фаҳмиш, ақидаи наздик ба фарҳанги кишвар, хусусият, завқи эстетикӣ, зебоипарастии худро ифода кардаанд. Ороишоти эҷодгашта бо гуногунии мавзуъҳои алоҳида фарқ карда, тасаввуроти дӯзандаро оид ба табиати гирду атроф дар мувофиқа бо ақидаҳои мифологӣ ва афсонавӣ таҷассум намудаанд.

Дар фасли сеюми боби мазкур "Равандҳои равонии ташаккули муносибатҳои зебопарастӣ нисбат ба меҳнат дар низоми муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон" рисоланавис изҳор медорад, ки таҷрибаи тарбиявии дар тӯли асрҳо бадастомада меҳвари педагогикаи халқӣ мебошад ва инъикос ёфтани анъанаҳои миллӣ ва арзишҳои иҷтимоиву фарҳангии мардум дар муҳтавои таҳсилот ва барномаҳои таълимӣ муҳим ва саривақтӣ ба ҳисоб меравад. Дар фасли охир оид ба равандҳои равонии ташаккули муносибатҳои эстетикӣ нисбат ба меҳнат дар низоми муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон изҳори андеша шудааст.

**Дар боби дуюм** «*Роҳу усулҳо ва шаклҳои корбасти гулдӯзии ороишӣ- миллии тоҷикӣ дар тарбияи маърифати зебоипарастии хонандагон* – асосҳои педагогии ташаккули шахсият ва маърифати бадеӣ-эстетикии муҳассилин тавассути гулдӯзии ороишӣ-миллии тоҷикӣ, роҳҳо ва усулҳои баланд бардоштани қобилияти озодии хонандагон тавассути гулдӯзии ороишӣ, тайёрии омӯзгорон ба тарбияи зебоипарастии хонандагон дар асоси анъанаҳои гулдӯзии ороишӣ-миллии тоҷикӣ, корҳои илмӣ-тадқиқотӣ барои баланд бардоштани қобилияти эҷодии хонандагон тавассути гулдӯзии ороишӣ, таҳлили натиҷаҳои корҳои тадқиқотӣ дар такмили мазмуни таълими фанни технология дар асоси корбасти гулдӯзии ороишӣ-миллии тоҷикӣ баррасӣ гаштаанд.

Муаллиф дар ҷараёни таҳлили мазмуну муҳтавои барномаҳои таълимии муассисаҳои таҳсилоти миёна барномае тарҳрезӣ намудааст, ки имкони ҳамгироии тайёрии меҳнатиро бо тарбияи эстетикӣ фаро мегирад. Ин бахши диссертатсияро метавон аз фаслҳои меҳварӣ маҳсуб донист, зеро муаммои асосӣ - алоқамандона таълим додани ҳунарҳои мардумӣ бо технологияи муосир дар омӯзиши санъати амалии гулдӯзӣ коркард ва пешниҳод карда шудааст.

Дар хулоса муҳимтарин нуктаҳои марбут ба мавзӯъ зикр шудаанд, ки натиҷаи бардошти муаллиф аз пажӯҳиши мавзӯъ мебошанд. Дар поён зикри сарчашмаҳои илмӣ ва мақолаҳои ҷудогона оварда шудааст, ки рисоланавис ҳини навиштани кори илмӣ барои тақвияти андеша аз онҳо суд ҷустааст.

Ба ин тариқ, диссертант барои таълифи рисола маводи зарурироь гирдоварӣ кардааст, осори таҳқиқии зиёди ба мавзӯъ марбутро мутолиа намудааст ва тавонистааст, ки оид ба ташаккули ҳунарҳои бадеии анъанавӣ, аз ҷумла, гулдӯзии ороишии миллӣ, инкишоф додани малакаи бадеии хонандагон, аз наздик ошно намудани онҳо бо санъати амалӣ, муносибати зебоипарастона ба муҳит маълумоти муҳим манзур намояд. Ҳамчунин дар асоси далелҳои муътамад изҳор медорад, ки донишу маҳоратҳои ҳосилкардаи муҳассилин дар оянда имкони рақобат ва қонеъ гардонидани талаботи аҳолӣ дар бозори меҳнатро метавонад фароҳам орад. Истеҳсол ва барқароркунии ҳунарҳои бадеии мардумӣ барои қонеъ гардонидани ниёзу эҳтиёҷот низ мусоидат менамоянд.

Дар асоси мулоҳизаҳои дар боло зикршуда ба хулосае омадан мумкин аст, ки диссертатсияи Тошхоҷаева Сурайё Акрамҷоновна дар мавзӯи « Методҳои такмили мазмуни таълими фанни технология дар асоси корбасти гулдӯзии ороишӣ-миллии тоҷикӣ» дар ташаккули соҳаи педагогикаи тоҷик саҳми назаррасе дорад.

Ҷоиз ба қайд аст, ки диссертатсия ва автореферати диссертант Тошхоҷаева С.А. ба талаботи «Низомнома оиди дарёфти дараҷаи

илмӣ»-и Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллиф сазовор ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.02-Назария ва методикаи омӯзишу парвариш (технология (таълими меҳнат)) (илмҳои педагогӣ) мебошад.

Муқарризи расмӣ, узви вобастаи АИ ҶТ,
доктори илмҳои техникӣ,
профессори кафедраи «Дизайни либос
ва санъати мӯд»-и Донишгоҳи
технологии Тоҷикистон Мансурӣ Дилрабо Сайдулло

Имзои д.и.т. Д.С.Мансурӣ-ро тасдиқ мекунам.
Мудири шӯъбаи кадрҳо Бухориев Н.А.

ШӮЪБАИ КАДРҲО
ОТДЕЛ КАДРОВ

Суроға: 734063 ш.Душанбе
кӯчаи Н.Карабоев 63/3
(тел. 917 42 40 48)